СУРАТМАҶЛИСИ № 52
Маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии
ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ

аз 20 - уми июни соли 2026 **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 12 нафар иштирок доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Шукурзода Саодат Нусратулло дар мавзуи «Иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили сиёсӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2.- Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ баромад намуд ва аъзои Шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф (раис), доктори илмҳои сиёсӣ, Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон (аъзо), доктори илмҳои фалсафа, дотсент Назар Муъмин Абдуҷалол (аъзо).

Қарор қабул карда шуд:

1. Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Шукурзода Саодат Нусратулло дар мавзуи «Иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили сиёсӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таъин карда шавад.

2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
- доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф;
- доктори илмҳои сиёсӣ, Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон;
- доктори илмҳои фалсафа, дотсент Назар Муъмин Абдуҷалол.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____/ Сангинов Н.Н.